**Тақризи**
**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи "Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Таҳқиқи мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик аз ҷумлаи масоиле ба шумор меравад, ки аз дергоҳ мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор дорад. Ҳарчанд мактаби тарҷумаи осор аз забонҳои мухталифи олам, аз ҷумла ҳиндиву румӣ, юнониву арабӣ собиқаи бештар аз ҳазорсоларо соҳиб аст, вале новобаста ба он тарҷумаи осори адабиву илмӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ дорои таърихи начандон тулонӣ буда,фарогири наздик ба 200 сол мебошанд, дар ин замина аз ҷониби мутарҷимони касбӣ ва адибони тоҷик корҳои фаровоне ба анҷом расидаанд. Ин корномаҳои шоёну шоиста аз вусъат ва доманаи фарохи мактаби тарҷумаи тоҷик дар мароҳили нави таърихӣ паём мерасонанд. Аз ҷумлаи дастовардҳои ин мактаб он аст, ки бештари осори адибони ҷаҳон маҳз аз рӯи тарҷумаҳои русии онҳо ба тоҷикӣ сурат гирифтаанд.

То кунун дар заминаи тарҷумаҳои анҷомдодаи устодони сухан Аслам Адҳам, Абдулло Зокир, Ҳасан Ирфон, Шамси Собир, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Аскар Ҳаким, Фарзона ва дигарон корҳои пажӯҳишии муайяне ба сомон расидааст. Вале як зумра тарҷумонҳои касбие низ дар майдони адабиёти тоҷик қаламфарсой кардаанд, ки бо вуҷуди анҷоми корҳои фвровон, хоса тарҷумаи намунаҳои адабиёти ҷаҳон русӣ ба тоҷикӣ то кунун фаъолиятҳои адабӣ ва тарҷумонии онҳо ба таври ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Яке аз чунин адибони намоёни тоҷиқ Ҳабиб Аҳрорӣ мебошад. Бо он ки ин адиби соҳибзавқ корҳои зиёдеро барои таҳаввули ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мактаби тарҷума дар адабиёти тоҷик анҷом додаast, вале то кунун роҷеъ ба мероси бозмонда аз ин адиб таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ ба сомон нарасидааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Исмоилова Дилоров Ҳақбердиева аз аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки ба таври умум тамоми паҳлуҳои эҷодии нависанда, тарҷумон ва луғатсози тоҷикро фаро мегирад.

Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна таҳти унвони "Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик" ба таҳқиқу баррасии мақоми адиб ва тарҷумони тоҷик дар рушду таҳаввули адабиёти муосир тоҷик, хоса мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқи матолиби меҳварӣ муаллиф муваффақ бар он шудааст, ки нахуст нуктаҳои муҳими зиндагинома ва эҷодиёти нависанда ва тарҷумонро бар асоси манобеи муҳими адабиву пажӯҳишӣ, накду назарҳои қобили аҳамияти ӯро роҷеъ ба мафоҳим ва

моҳияти аслии тарҷумаи бадеӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, баъдан дар пояи баррасиҳои ба сомонрасонидаи хеш муқаррар сохтааст, ки ӯ ҳам нависандаи соҳибзавқ, ҳам тарҷумони варзидаест, ки бо корбурди маҳорати баланди эҷодӣ ва ҳунари нависандагиаш дар рушди насри бадеӣ ва ҳам тарҷумаи осори адибони рус ва ҷаҳон нақши муассир гузоштааст. Аз ин рӯ, бо итминон метавон изҳор дошт, ки диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мутобиқат дорад.

**Аҳамияти мавзуи таҳқиқ** дар он равшан мешавад, ки ҳарчанд роҷеъ ба зиндагинома ва фаъолиятҳои адабиву тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигар паҳлуҳои эҷодии ӯ аз сӯи мунаққидону муҳаққиқони тоҷик, чун Муҳаммадҷон Шакурӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Лариса Демдичик, Бозор Тиловов, Раҳими Мусулмониён, Шокир Мухтор, Муртазо Зайниддинов ва дигарон мақолаҳое ҷудогона ба қалам омадаанд, аммо онҳо тамоми паҳлуҳои эҷодии адиб ва тарҷумонро фаро намегиранд. Бо таълифи ин диссетатсияи хеш Исмоилова Дилором бар он муваффақ гардидаст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгору осор, мақоми нависанда дар рушди насри муосир ва тарҷумаи адабиёти рус ва ҷаҳон, инчунин таҳаввули назарияҳои тарҷумаи бадеиро дар доираи як диссертатсияи номзадӣ ба риштаи таҳқиқ кашад, ки то кунун бо чунин густардагии таҳқиқ ва фарорагии тамоми тамоюлҳои эҷодӣ сурат нагирифта буд.

**Навгониҳои таҳқиқот** дар он муайян мегардад, ки ба ишорати худи муаллиф “дар диссертатсия бори нахуст аҳволу осор, фаъолиятҳои адабӣ, аз ҷумла нависандагӣ, луғатшиносӣ ва тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ, нақши ӯ дар пешрафти мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ таҳқиқ ва арзёбӣ гардида, ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи бадеӣ мушаххас шудааст”. (Дисс. саҳ.9) Муаллифи диссертатсия бар он муваффақ гардидааст, ки тамоми паҳлуҳои эҷодии Ҳабиб Аҳрориро ба риштаи таҳқиқ кашида, симои ӯро ҳамчун нависандаи соҳибзавқ, тарҷумони бомаҳорат, мунаққид ва назарияпардоз дар шинохти ҷанбаҳои назарии тарҷумаи бадеӣ, луғатшинос муаррифӣ намояд.

Дар раванди таҳқиқ осори бадеии насрӣ, китобҳои тарҷуманамуда ва луғати таҳиякардаву мақолаву мусоҳибаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ ба ҳукми сарчашмаҳои асосӣ ба кор рафта, диссертант дар таҳқиқоти хеш аз усулҳои пешқадами адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ, чун муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили таърихӣ-типологӣ истифода кардааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ба субут мерасад, ки дар заминаи иншои диссертатсия диссертант аз муҳимтарин консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ дар дараҷаи матлуб истифода кардааст. Бар ин асос метавон изҳор дошт, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар манзури мустанад ва дақиқи маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи он бо коркарди натиҷаҳои таҳқиқ,

шумора ва ҳаҷмии куллии монографияву мақолаҳои бачопрасонида, гузиниши дурусту дақиқи методологияи таҳқиқ таҷассум меёбад.

**Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия** натиҷаҳои таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили мавзуи илмӣ ва санҷиши ҳадафҳои назарӣ ва нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда маҳсуб ёфта, раванди тадовуми самтҳои навини мавзуи таҳқиқшавандаро дақиқ ва мушаххас гардонидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия дар оянда барои таҳқиқии заминаҳои назарии рушди мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиётшиносии тоҷик, хоса раванду тамоюлҳои тарҷумаи адабиёти ҷаҳон тавассути забони русӣ ба тоҷикӣ, муаммо ва мушкилоти он, таҳқиқи ҷараёнҳои мухталифи насри муосири тоҷик, нақди адабӣ, хоса тарҷумашиносӣ мусоидат хоҳад намуд. Имкон дорад, ки маводи диссертатсия барои таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик, тарҷумашиносӣ, нақди адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва таълими фунун метавонад истифода бурда шавад.

Диссертант аз рӯи мавзуи таҳқиқоти хеш **6 мақола ба чоп** расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 3 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Маводи **нашрнамудаи диссертант** мундариҷаи комили диссертатсияро ифода намуда, саҳми шахсии муаллифро низ собит месозанд..

Ҳамин тавр, Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамият ва муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия. нуктаҳои меҳварии барои ҳимоя тавсияшаванда, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, навгониҳои таҳқиқ ва монанди ин баён гардидаанд. Дараҷаи омӯхта шудани мавзуи илмӣ ба сурати риояи меъёрҳои таърихияти таҳқиқи мероси адабиву фаъолияти тарҷумонии адиб баён гардида, муҳимтарин мақолаву таҳқиқоти дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба паҳлуҳои эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ анҷомёфта тавсиф шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **“Ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ”** унвон дошта, матлабҳои асосӣ дар ду фасл шарҳу тафсир ёфтаанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин боби диссертатсия он аст, ки муаллиф нақш ва таъсири фаъолияти ҳамкории адибро зери раҳнамоии устод Садриддин Айнӣ ба таври махсус таъкид намуда, муҳокимарониҳои хешро аз ҳамин масъала оғоз менамояд ва дар навбати аввал чеҳраи ӯро ҳамчун шогирди мактаби асосгузори адабиёти муосири тоҷик, чӣ дар насри бадеӣ ва чӣ дар тарҷумаву луғатсозӣ, муаррифӣ менамояд.

Диссертант бар асоси маводи қомусҳо ва осори ёддоштӣ, мақолаҳои дар бораи адиб навишташуда шарҳи ҳол ва эҷодияти Ҳабиб Аҳрориро ба

таври муфассал таҳқиқ ва санаҳои муҳимтарини рӯзгори ӯро дақиқ намудааст. Баъдан се самти муҳими эҷодиёти ӯ, тарҷумонӣ, нависандагӣ ва луғатсозиашро муқаррар карда, мулоҳизаҳои судманди илмии хешро дар бораи ин паҳлуҳои эҷодиёти адиб баён доштааст. Ковишҳои илмии диссертант имконият додаанд, ки ӯ маҷмуаи асарҳои тарҷуманамуда, осори адабии нависанда ва нақши муҳими адибро дар таҳияи луғати русӣ – тоҷикӣ мустанад ва зикри намунаҳои мушаххас шарҳу тавзеҳ намуда, аз ин роҳ саҳми арзандаи адибро дар ҳар ҷода алоҳида нишон додааст.

Боби дувуми диссертатсия **"Нақши Ҳабиб Аҳрорӣ дар инкишофи назарияи тарҷума ва насри бадеӣ"** ном дошта, паҳлуҳои фаъолияти адибро ҳамчун донишманди назарии тарҷумашинос фаро мегирад. Маҷмуи матлабҳои илмии муаллиф дар ин боби диссертатсия низ дар ду фасл фасл шарҳу баён ёфтаанд.

Хидмати босамари диссертант дар он зоҳир мешавад, ки ӯ силсилаи мақолаву мусоҳиба ва навиштаҳои дигари адибро роҷеъ ба назарияи тарҷума фароҳам оварда, аз зовияи фарогирии масъалаҳои назарӣ мулоҳизоташро таҳқиқ ва нақши муҳими ӯро дар рушди мактаби назарии тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик мушаххас кардааст. Ба таъкиди диссертант Ҳабиб Аҳрорӣ танҳо ба тарҷумаи осори бадеии адабиёти рус ва ҷаҳон маҳдуд нашуда, дар мақолаву мусоҳибаҳои хеш нақду назарҳояшро роҷеъ ба моҳият ва асолати кори тарҷумонӣ, вежагиҳои муҳими тарҷумаи осори бадеӣ баён доштааст. Дар заминаи таҳқиқи афкори адабиву танқидии Ҳабиб Аҳрорӣ ба муҳаққиқ муяссар шудаасп, ки симои ӯро ҳамчун мунаққиди назария ва амалияи тарҷума муаррифӣ намояд.

Дар фасли дувуми ин боби диссертатсия мундариҷаи осори насрии нависанда ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз таҳқиқоти анҷомёфта бармеояд, ки Ҳабиб Аҳрорӣ бештар ба навиштани ҳикояҳои ҳаҷвӣ машғул буда, маҷмуи осори насрии вай дар китоби "Тӯйхурии муйсафедон" фароҳам омадаанд. Аз ин нигоҳ, ба таҳқиқи анҷомдодаи диссертант дар ҷодаи наср бештар таълифоти адибро ҳикоёти ҳаҷвӣ ба вуҷуд овардаанд, ки симояшро чун нависандаи ҳаҷвнигор дар рушди насри ҳаҷвӣ дар адабиёти муосири тоҷик нишон додаанд.

Боби савуми диссертатсия **"Нақш ва ҷойгоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи тоҷикӣ"** унвон дошта, ҳосили таҳқиқу баррасиҳои анҷомдодаи диссертант дар фасл ғунҷоиш ёфтаанд. Тавре таъкид гардид, муаллифи диссертатсия оғози фаъолияти тарҷумонии нависандаро ба ҳамкории ӯ бо устод Айнӣ ва таҳти сарпарастии ин чеҳраи бузурги адабиёт ба муваффақиятҳои муайян ноил гардиданашро махсус таъкид намуда, шеваҳои интихоби осор ва кори тарҷумонии ӯро таҳқиқ кардааст. Дар баробари ин, аз ҳамкориҳои босамари вай бо Сиддиқии Аҷзӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳиддин Аминзода, Раҳим Ҳошим, Сотим

Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Саидризо Ализода, Эммануил Муллоқандов ва Ҳасан Ирфон ёдовар шудааст, ки якҷоя дар таҳаввули мактаби тарҷума ва мароҳили баъдии он саҳмгузор шудаанд.

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки Ҳабиб Аҳрорӣ яке аз асосгузорони мактаби тарҷума дар адабиёти тоҷик ба шумор меравад, ки “марҳалаҳо, тамоюлҳо ва дараҷаи инкишофи он ба ном ва кори ӯ алоқамандии бевосита дорад”. (Дисс. саҳ.74) Адиб солҳои сивуми асри бистум ба кори тарҷума оғоз карда, ба таъкиди муаллифи диссертатсия “қиссаи Ҷ. Свифт «Гулливер дар байни лилипутҳо», романҳои машҳури нависандаи рус А. Фадеев «Торумор» ва «Гвардияи ҷавон»-ро тарҷума кард ва аввалӣ бори нахуст соли 1938 ва бори дувум соли 1949 ва романи дувум соли 1967 дар шакли комил манзури хонандагони тоҷик гардид. Тарҷума ва нашри ин ду роман оғози ба таври ҷиддӣ ба адабиёти рус ва ҷаҳон рӯ овардани Ҳабиб Аҳрорӣ гардид”. (Дисс. саҳ. 77) Аз ин баррасиҳо маълум мегардад, ки ҳарчанд муҳаққиқ асосан осори мансури бадеиро аз русӣ тарҷума кардааст, вале нахуст ӯ аз ин забон ба тарҷумаи намунаҳои адабиёти ҷаҳон оғоз намудааст.

Як арзиши муҳими дигари ин бахши диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷу назари интиқодии хешро нисбат ба баъзе тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ низ баён кардааст.. Масалан, ин мулоҳизаҳо роҷеъ ба повести «Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович»- Н.В. Гогол бо далелҳои қатъӣ баён шудаанд. (Дисс. саҳ 99-100) Дар баробари ин, муваффақияти тарҷумон дар кори тарҷума ва ҳифзи амонати матн, инчунин ба таъбири худи ӯ обуранги миллӣ додани гуфтугуи қаҳрамонҳои осор низ таҳқиқ ва дақиқ шудааст, ки ин нукта дар заминаи муҳокимарониҳо роҷеъ ба асари Л. Толстой “Ҷанг ва сулҳ” бо зикри мисолҳои дақиқ ва таҳлили қиёсӣ баён шудаанд. Чунин шеваи баррасиҳои илмӣ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки сабки фардӣ ва бадеии адибро дар тарҷумаи осори намоёндагони адабиёти ҷаҳон шарҳу тафсир намуда, ба хулосаҳои саҳеҳи мантиқӣ бирасад.

**Хулосаҳои** диссертатсия дар даҳ банди назарӣ ва 7 банд тавсияҳо баён шудааст, ки аз натиҷагириҳои амиқи муаллиф дарак медиҳанд. Дар заминаи баррасиҳои куллии анҷомдодаи хеш муҳаққиқ ба хулосае расидааст, ки Ҳабиб Аҳрорӣ на танҳо ҳамчун тарҷумони оддии осори бадеӣ, балки яке аз асосгузорони мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик ба шумор меравад, ки дар тарҷумаи осори нависандагони рус ва ҷаҳон саҳми беандоза гузоштааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи **“Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик”** таҳқиқоти муҳим дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, дар заминаи баррасиҳои анҷомдодаи ӯ бори аввал фаъолиятҳои

адабиву тарҷумонӣ ва луғатсозии ин адиби тоҷик ба ришта дар доираи як рисолаи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар баробари чунин дастовардҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори диссертант мебошанд.

1. Дар нақшаи корӣ ворид намудани бархе таҳрирҳо дар унвони фаслу бобҳо мувофиқи мақсад аст. Масалан, дар унвони фасли аввали боби аввал “Вежагиҳои шарҳи ҳол ва осори Ҳабиб Аҳрорӣ” зикри калимаи “вежагиҳо” зарурате надорад. Ба андешаи мо ба сурати “Шарҳи ҳол ва осори Ҳабиб Аҳрорӣ” ё “Зиндагинома ва мероси адабии Ҳабиб Аҳрорӣ” овардани унвони фасл шояд беҳтар бошад. Ҳамчунин, такрори вожаи “Нақши“ дар унвони бобҳои дувум ва савум сабаби то анзодае такрор ба назар расидани номи онҳо гардидааст. Ба шакли “Ҳабиб Аҳрорӣ ва инкишофи назарияи тарҷума ва насри бадеӣ” овардани унвони боби дувум беҳтар аст.

2. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ на ҳамаи мақолаҳои марбут ба таҳқиқи эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ номбар ё шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Масалан, дар солҳои 1993 ва 2003 ду мақолаи мақолаи адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов бо номҳои “Шогирди мактаби Айнӣ” ва “Аз рӯзи таваллуди тарҷумон Ҳабиб Аҳрорӣ 90 сол гузашт” ба чоп расидааст, ки дар бахши “Дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ”-и муқаддима ва “Феҳристи адабиёти истифодашуда” ба мушоҳида нарасиданд.

3. Номи баъзе асарҳо ғалат оварда шудааст. Масалан, дар саҳ. 36 номи тоҷикии китоби нависандаи рус Н. Островский «Обутоб ёфтани Пӯлод», дар саҳ. 36 «Бутоб ёфтани пӯлод» омадааст. Ҳол он ки дар асл номи ин китоб дар тарҷумаи Саидризо Ализода “Пӯлод чӣ тавр обутоб ёфтааст” ва тарҷумаи нависанда Сорбон “Пулод чӣ тавр обутоб меёбад” мебошад.

4. Дар феҳристи адабиёти истифодаи диссертатсия номи ҳикояҳои китоби “Тӯйхӯрии муйсафедон” дар алоҳидагӣ дода шудааст. Беҳтар мебуд, ки чун он ба сурати як асари алоҳида чоп шудааст, ба ҳамин тартиб ҳамчун як китоби ҷудогона манзур мегардид.

5. Дар матни диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиш ва аҳамияти онро боз ҳам меафзояд.

Албатта, эродҳои манзуршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзишу аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, метавон таъкид намуд, ки диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна ба яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик бахшида шудааст, ки то кунун ба сурати ҷудогона мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифта буд. Маҷмуи ҳадаф ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаи диссертант дар раванди таҳқиқ ба сурати комил ва дар доираи

талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ омода шудаст, инчунин мақолаҳои илмии аз рӯи он ба нашррасонида комилан мувофиқат дорад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи "Ҳабиб Ахрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – **Таърихи адабиёт, равобити адабӣ** адабӣ мебошад.


Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
Директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru


Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Наврӯзов Эҳсон

«12» феврали соли 2024


**Суроға**
**735700**, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;**
**e-mail: rector@hgu.tj** Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj